# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Маликнеъмат Гулихандони дар мавзӯи «Вежагиҳои сохторию маъноии қисса андар қисса дар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддин Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.**

То имрӯз якчанд мақолаҳое доир ба масъалаи ҷанбаҳои мухталифи қисса андар қисса дар «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ рӯйи кор омадаанд, аммо асаре, ки мустақиман қисса андар қиссаро дар ин асар баррасӣ намуда бошад, мавҷуд нест, дар ҳоле ки аҷибтарин гунаи қисса андар қисса дар ин шоҳасари Мавлоно зуҳур кардааст. Огоҳӣ аз сохтори қисса андар қисса дар «Маснавӣ», ки аслан сохтори куллии асар аст, ба масобаи як харита ё роҳнамоест, ки муҳаққиқ ё хонандаро дар кӯчаҳои пурпечутоби он роҳёб мегардонад.

Мубрамии мавзӯъ дар он ифода меёбад, ки бо таҳқиқи ҷанбаҳои назарӣ, таърихи пайдоиш ва такомули тадриҷии шигарди қисса андар қисса дар адабиёт ва таҳлилу баррасии он дар «Маснавии Маънавӣ»-и Мавлоно, аз як тараф, ба шинохти дақиқтари қисса андар қисса ҳамчун шигарди ривоӣ ва аз ҷониби дигар, ба дарки амиқтари андешаҳои Мавлоно метавон даст ёфт.

Рисола дар 3 бобу 6 фасл шакл гирифта, бо муқаддима, хулоса, номгӯйи адабиёт 178 саҳ. ташкил медиҳад.

Боби якум «**Сарчашмаҳо ва сайри такомулии қисса андар қисса** дар **адабиёти классики форсии тоҷикӣ: ҷанбаҳои назарии масъала**» унвон дорад. Дар ин боб бо ба кор гирифтани равиши муқоисавӣ диссертант кӯшиш кардааст, мафҳуми қисса андар қиссаро мушаххас намояд ва бо равиши таҳлили сохторӣ навъҳои онро муайян кунад. Дар баррасии заминаҳои пайдоиши қисса андар қисса ва сайри такомулии он дар адабиёти форсии тоҷикӣ аз равиши муқоисавӣ-таърихӣ ва оморӣ истифода бурдааст. Ва ба хулосае омадааст, ки қисса андар қисса тамоюли муттаҳидшавии жанрҳои хурд буда, тасвири комилтареро аз зиндагӣ ба даст медиҳад.

Боби дуюми рисола **«Ҳунари Мавлоно дар қиссапардозӣ: тасарруф дар сохтор ва маъно»** унвон дорад. Дар ин боб муаллиф бо истифода аз методи муқоисавӣ дахлу тасарруфи Мавлоно бар қиссаҳои пешинро нишон дода, ба хулосае омадааст, ки тасарруфоти орифи шоир пайи воқеинамоӣ сурат мегирад ва ҳамин талоши ӯ на фақат дар офариниши ҷаҳони қисса, балки дар офариниши ҷаҳони ривоят низ эҳсос мешавад. Дар ин боб, ҳамчунин, бо усули равонтаҳлилӣ таъвилоти Мавлоно аз қиссаҳои «Маснавии маънавӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар баррасии вежагиҳои қиссаи меҳварии ҷомеъ, қиссаҳои меҳварии таркиби «Маснавии маънавӣ» аз равиши сохторшиносӣ истифода бурда, асосан усули таҳқиқи С.Тодоров, ки сохтори қисса андар қиссаро ба сохтори ҷумлаи мураккаб месанҷад, ба натиҷаҳои хуби илмӣ даст ёфтааст.

**Боби сеюм «Вежагиҳои қисса андар қисса дар «Маснавии маънавӣ»** унвон дошта, ба баррасии масоили марбут ба ровӣ, сутуҳи ровӣ, дараҷаи маҳсусияти ровӣ, дараҷаи эътимоднокии ровӣ, омилҳои бадалшавии сутуҳи ровӣ дар «Маснавӣ» бахшида шудааст. Дар ин баррасиҳо муаллиф бо равиши татбиқӣ аз назарияҳои ривоятшиносии Жерар Жаннет ва Виктор Шмид истифода бурдааст, аммо дар мавридҳое, ки «Маснавӣ» ба назарияҳои ривоятшиносони мазкур мутобиқат намекунад, ба ин номутобиқатиҳо ишора ҳам кардааст.

Дар хулоса ба тариқи фишурда натиҷаи тадқиқот ҷамъбаст шудааст. Намунаи феҳристи осори қисса андар қиссаи адабиёти форсии тоҷикӣ, ки дар охири рисола илова гардидааст, хулосаҳо ва мушоҳидаҳои илмии муаллифро тасдиқ менамояд.

Ба ин тариқ, гуфта метавонам, ки мақсад ва вазифаҳое, ки диссертант дар тадқиқи мавзӯи интихобшуда гузоштааст, иҷро шудаанд. Қайдҳои ман дар ҳамкории дуҷониба вақт ба вақт аз тарафи муаллиф ислоҳ ва ба назар гирифта шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ дар шинохти раванди такомулии падидаҳои адабӣ ва назарияпардозиҳо дар атрофи онҳо маводи муфид хоҳад дод.

Рисолаи номзадии Маликнеъмат Гулихандони – «Вежагиҳои сохторию маъноии қисса андар қисса дар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддин Балхӣ»-ро дар маҷмӯъ тадқиқоти анҷомёфта меҳисобам ва барои баррасӣ ба аъзои кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод менамоям.

Доктори илмҳои филологӣ,
директори Китобхонаи марказии илмии
ба номи Индира Гандии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон — Сӯфиев Шодимаҳмад Зикриёевич

Имзои Ш.З. Сӯфиевро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои КМИ АМИТ — Ш. Мусавирова

18 марти соли 2021

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел: (+992)907701111
e-mail: sufizadeh@gmail.com